# ВАҲДАТАТ ПОЯНДА БОД, ТОҶИКИСТОН!

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ * * * * № 7 (187) 24-УМИ ИЮНИ СОЛИ 2023, ШАНБЕ




Сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ барои мо арзишҳои ҳаётан муҳимме мебошанд, ки ба шарофати онҳо мардуми Тоҷикистон ҳоло ба хотири ободии Ватан, пешрафти давлат, амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллӣ ва осоиши ҳар як хонадон сарҷамъу аҳлона заҳмат мекашанд.

Имрӯз мардуми мо хуб дарк мекунанд, ки зиндагии осудаву ороми ҳар як оила, амалӣ гардидани нияту орзуи ҳар як шаҳрванд, ободии Ватан ва пешрафти давлат танҳо дар сурати пойдор будани сулҳу суботи комил имкон дорад.

Дар чунин шароити ниҳоят ҳассоси ҷомеаи башарӣ, яъне торафт мураккаб гардидани авзои сиёсиву иқтисодии ҷаҳон ва печида гардидани раванду тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат ба шумор меравад.

Тамоми афроди ҷомеа – аз хурд то бузург бояд ба қадри аҳаммияти ҳаётии сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расанд ва ин неъмати бебаҳоро баробари дастоварди бузургтарини таърихи навини кишвари азизамон, яъне истиқлолу озодӣ чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳифз намоянд.

Мову шумо бояд сарзамини зебои худро сидқан дӯст дорем, ба қадру қимати Ватану ватандорӣ расем ва шукронаи сулҳу амнияти кишвар ва ваҳдати миллиро ҳамеша ба ҷо оварем.

Эмомалӣ РАҲМОН

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД
МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи граждани, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи ҷандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ СОҲИБИ МАНЗИЛҲОИ ИСТИҚОМАТӢ ШУДАНД



Дар арафаи таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ зумрае аз устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соҳиби манзилҳои истиқоматӣ ва фарзандони онҳо бо туҳфаҳои ҷашнӣ қадрдонӣ шуданд.

Санаи 17 июни соли 2023 дар доираи иқдомҳои иҷтимоии роҳбарияти давлат бо иштироки намояндагони сохторҳои марбутаи ҷумҳурӣ хобгоҳи №7-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар кӯчаи Нахимова 64/7-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҷойгир аст, баъд аз таъмири капиталӣ барои 39 нафар омӯзгор ва корманди ҷавони донишгоҳ, ки 5 нафари онҳоро устодони факултети ҳуқуқшиносӣ ташкил мекарданд, ҳамчун манзили истиқоматии хизматӣ супорида шуд.

Дар маросими супоридани хонаҳои истиқоматӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сатториён М.А., директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода М.С., Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм Содиқӣ Н.Н., муовини Вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Абдулхолиқзода Л.А., Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Мирзозода И.Х., муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш Раҳимзода Ш., муовини Раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Сафарализода С.С., ректори ДМТ Хушвахтзода Қ.Х. ва дигар шахсони масъул иштирок доштанд.



Бояд қайд кард, ки дар давоми ду сол 8 нафар устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ бо манзилҳои истиқоматии хизматӣ таъмин карда шудаанд.

Садорати факултет ва ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ изҳори миннатдории худро ба Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳтарам Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт барои дар амал татбиқ намудани сиёсати маорифпарварони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дасгирӣ ва бо манзили истиқоматӣ таъмин намудани кормандони соҳаи маориф, аз ҷумла устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мерасонад.

# БАРГУЗОРИИ ҲАМОИШҲОИ ИЛМӢ

Таърихи 22 июни соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносӣ бахшида ба 26-умин солгарди ҷашни Ваҳдати миллӣ семинари илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Ваҳдати миллӣ асоси рушди давлатдории миллии тоҷикон» баргузор гардид, ки дар кори он намояндагони мақомоти давлатӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд. Семинари мазкурро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. ифтитоҳ намуда, дар он масъалаҳои бисёр муҳимми нигоҳдошти Ваҳдати миллӣ дар раванди бархӯрди манфиатҳои ва зиддиятҳои сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки ҳар яки мо бояд ба қадри ваҳдату якдилӣ ва сулҳу оромӣ бирасем, онҳоро чун гавҳараки ҷамш нигоҳ дорем.



11 майи соли 2023 дар заминаи кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ семинари илмӣ-назариявии устодони ҷавони кафедра дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи замин, кишоварзӣ, экологӣ ва нақлиёт» баргузор гардид. Дар кори он роҳбарияти факултет, устодону кормандон, олимони соҳа ва аспирантону унвонҷӯён иштирок доштанд. Дар семинар табодули афкори судманд миёни маърӯзачиён ва аҳли нишаст доир гашта, таклифу тавсияҳо ва пешниҳодҳои судманд ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар дар соҳаҳои мухталиф ба миён гузошта шуд ва дар ниҳояти кор қатъномa қабул карда шуд.



Таърихи 18 майи соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ташаббуси Шурои олимон ва муҳаққиқони ҷавони донишгоҳ ва факултети ҳуқуқшиносӣ III Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии олимони ҷавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» – 23 май ва «Бистсолаи омӯзиш ва рӯшди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2024) бо иштироки васеи устодон, олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултет баргузор гардид. Нахуст, бо сухани ифтитоҳи Раиси Шурои олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултет, н.и.ҳ, дотсент Наимов Б.Ғ. ба кори Конференсия оғоз бахшида, қайд намуд, ки боиси хушнудист, ки имрӯзҳо дар саросари кишвар бахшида ба Рӯзи ҷавонон дар ҳамаи муассисаҳои илмию фарҳангӣ ва вазорату идораҳо конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ, ҳамоишҳо ва барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ таҷлил гардида истодаанд. Аз ҷониби аъзои Шурои олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултети ҳуқуқшиносӣ дар масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ ва сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маърузаҳои илмӣ ироа гардида, мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

# МАГИСТРИ ФАКУЛТЕТ – БЕҲТАРИН ДОНИШҶӮИ ИДМ

Таърихи 20 майи соли 2023 декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. бо ғолиби озмуни беҳтарин донишҷӯи ИДМ дар соли 2023 – магистри курси 1-уми факултети ҳуқуқшиносӣ Ҳайдарзода М.Ҳ. ва роҳбари илмии ӯ мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносӣ, н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ. вохӯрӣ намуд. Мавсуф эшонро бо ин дастоварди байналмилалӣ табрик намуда, дар таҳсил ва фаъолияти минбаъдаашон муваффақиятҳои тозаи эҷодӣ таманно намуд.



Хотиррасон мешавем, ки дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон бо ташаббуси Ассотсиатсияи байналмилалии донишҷӯён бо дастгирии Иттиҳодияи шахсони ҳуқуқии “Ҳаракати умумимиллии Бобек”-и Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Китобхонаи илмии электронии “eLIBRARY.RU”-и Федератсияи Русия ҷиҳати муайяннамоии беҳтарин донишҷӯ миёни донишгоҳҳои олии кишварҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Русия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон озмуни байналмиллалии “Беҳтарин донишҷӯи ИДМ-2023” аз рӯи бахшҳои илм, варзиш ва санъат баргузор гардид. Дар озмуни мазкур магистри курси 1-уми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳайдарзода Муҳаммад Ҳайдар дар асоси хулосаи комиссияи озмун барандаи ҷоизаи “Беҳтарин донишҷӯи ИДМ-2023” дар бахши илм гардид ва бо дипломи дараҷаи I, шаҳодатнома ва медали сарисинагии «Беҳтарин донишҷӯи ИДМ -2023» мукофотонида шуд.

# ИХТИСОСИ «ҲУҚУҚШИНОСӢ» АЗ АККРЕДИТАТСИЯ ГУЗАШТ

Санаи 20 июни соли 2023 дар толори калони ДМТ натиҷаи Аккредитатсияи байналмилалӣ эълон гардид. Дар чорабинии мазкур ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х., директори генералии Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг (IAAR) Алина Жумагулова, намояндаи агентӣ Олга Яновская, намояндагони сохторҳои гуногуни ҷумҳурӣ, раёсату устодон ва кормандони ДМТ иштирок намуданд.

Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи барномаи таҳсилоти 1-240102 – «Ҳуқуқшиносӣ» соҳиби сертификати байналмилалӣ гардид.


«АККРЕДИТТЕУ ЖӘНЕ РЕЙТИНГТІҢ ТӘУЕЛСІЗ АГЕНТТІГІ» КЕМ
НУ «НЕЗАВИСИМОЕ АГЕНТСТВО АККРЕДИТАЦИИ И РЕЙТИНГА»
INDEPENDENT AGENCY FOR ACCREDITATION AND RATING

СВИДЕТЕЛЬСТВО
МЕЖДУНАРОДНОЙ ПРОГРАММНОЙ АККРЕДИТАЦИИ
Подтверждает, что
образовательная программа
1-24 01 02 Юриспруденция
(Уровень: Бакалавриат)
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
аккредитована сроком на 5 лет
(Протокол Аккредитационного Совета НААР № 73 от 28.04.2023 г.)
ЛНН: № 010005906
Лицензия: № 0003697 от 15.05.2023 год
Срок действия свидетельства: 28.04.2023 г. - 27.04.2028 г.
Дата выдачи: 28.04.2023 г.
Регистрационный номер: АВ 4652

CERTIFICATE
OF THE INTERNATIONAL PROGRAM ACCREDITATION
This is to certify that
the program
1-24 01 02 Jurisprudence
(Level: Bachelor)
of
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
has been accredited for 5 years
(Minutes of the Accreditation Council of the IAAR No. 73 from 28/04/2023)
PTN: № 010005906
License: № 0003697, 15.05.2023
Certificate validity period: 28.04.2023 - 27.04.2028
Date of issue: 28.04.2023
Registration №: AB 4652

Генеральный директор / General Director — А. Жумагулова / A. Zhumagulova

Registered on the European Quality Assurance Register in Higher Education (EQAR)
Member of the European Association for Quality Assurance in Higher Education (ENQA)

Дар ҳамин замина, донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таҳсили худро дар риштаи магистратура ва докторантураи PhD дар донишгоҳҳои Аврупову Осиё давом дода метавонанд. Ихтисосҳое ки аз аккредитатсия (INDEPENDENT AGENCY ACCREDITATION AND RATING) гузаштаанд, имкон доранд робитаҳои худро бо бонуфузтарин донишгоҳҳои ҷаҳон ба роҳ гузоранд.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ин дастоварди беназирро барои садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултет сидқан табрик менамояд.

# ХУШХАБАР

Боиси ифтихору сарбаландист, ки давоми солҳои Истиқлоли давлатӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба як маркази бонуфузи омодасозии кадрҳои лаёқатманд ва ҳайати роҳбарикунанда табдил ёфтааст. Дастпарварони ин боргоҳи муқаддас имрӯз дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ кору фаъолият намуда, барои пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ хизмати содиқонаву софдилона намуда истодаанд.

Дар ҳамин асно, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърихи 31 майи соли 2023 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Сафарзода Бахтовар Амиралӣ ба вазифаи сафири фавқулода ва мухтори ҶТ дар Ҷумҳурии Беларус таъйин гардид.



Инчунин, таърихи 1-2-юми июни соли равон иҷлосияи 16-уми Конгресси ҳуқуқии АвруОсиё дар шаҳри Екатеринбурги Русия баргузор шуд ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Мирзамонзода Ҳайрулло Мирзамон ба ҳайси раиси Консорсиуми Донишгоҳи ҳуқуқии АвруОсиё интихоб шуд.



Аз ин рӯ, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Сафарзода Б.А. ва Мирзамонзода Х.М.-ро ба муносибати таъйин гардиданашон ба ин вазифаҳои пурмасъул самимона табрику шодбош намуда, ба эшон саломативу сарбаландӣ, пирӯзиву хушнудӣ ва фатҳи қуллаҳои баланди касбиро орзу менамоянд.

# ПЕШВОИ ВАҲДАТОФАР ВА МИЛЛАТИ СОҲИБТАМАДДУН



**Исроил САЛОМОВ**
**муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

Интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI тақдири миллати сарбаланду кӯҳанбунёди тоҷикро ба сабақҳои сангини таърих дучор кард. Хушбахтона, бо амри тақдир ва ҷонфидоии абармадони миллат баъд аз хазор соли бедавлатӣ миллати тоҷик 9 сентябри соли 1991 волотарин неъмат – Истиқлолияти давлатиро соҳиб гардид.

Ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ барои ҳар як фарди бо нангу номуси ин мамлакати аҷдодӣ мояи ифтихору сарафрозӣ буд, вале, ҳаводиси тағйирот ва таҳаввулоти солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ мардумро дар роҳи хифзи ин неъмати арзишманд ба душвориву мушкилиҳои вазнин рӯ ба рӯ кард. Зеро гунохи хизбҳои гуногун, афроди алоҳидаи манфиатҷӯ ва дахолати бевоситаи хориҷиён, Тоҷикистон ба домани оташи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Шароити баамаломада зарурати базуди андешидани тадбирҳо ҷиҳати хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, ваҳдати миллӣ, таъмини сулҳу суботро тақозо менамуд.

Барои амалигардонии мақсадҳои мазкур Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шурои Олии ҶТ, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро ба вуҷуд овард. Арзишмандтарин комёбии ин Иҷлосия он буд, ки фарзанди бонангу номус, далеру ҷасур ва нексиришт Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Сарвари Давлат интихоб гардид. Миллати дар он замон ҷафодидаи тоҷик дар симои Эмомалӣ Раҳмон шахси дурандешу донишманд, роҳбари ҷасуру тавоно ва Пешвои воқеии худро пайдо намуд. Маҳз, дар асоси қабули қарорҳои тақдирсоз, амалӣ намудани ташаббусҳои созанда, татбиқи сиёсати бомаром ва андешидани тадбирҳои муфид, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дигаргуниҳои беинтиҳо ба вуқуъ пайваста, заминаҳои устувори бунёди давлатдории миллӣ гузошта шуд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз саҳифаҳои таърихи навини давлати Тоҷикистонро ин ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ соли 1997 ташкил медиҳад. Бо гузашти чандин даври музокирот ва гуфтушунид миёни намояндагони Ҳукумати ҶТ ва намояндагони неруҳои мухолифин 27 июни соли 1997 созишномаи мазкур ба имзо расонида шуд. Бо туфайли ин созишнома, ваҳдати сартосарӣ дар мамлакат пойдор гардида,ояндаи дурахшон ва муттаҳидии мардуми мамлакат замина гузошта шуд. Албатта, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба талошу ҷонфидоиҳои бевоситаи Пешвои миллат ва абармардони ин сарзамини куҳанбунёд рӯи кор омад, зеро дар он вазъият касе барои бунёди давлат ва тақдири миллат фикр намекард. Аз ин лиҳоз, ҳазорсолаҳои дигар Ваҳдати миллӣ ба номи Пешвои миллат сабт гардида, наслҳои минбаъдаи ин сарзамин аз талошу заҳматҳои арзишманд, ҷонфидоӣ, дурандешӣ, ғамхорӣ, ояндабинӣ ва ваҳдатофарии ин шахсияти таърихӣ воқиф мегарданд. Зеро таъмини сулҳ, ваҳдати сартосарӣ, ризоияти миллӣ, оромию субот дар ҷомеа, хомӯш кардани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, баргардонидани тамоми гурезагони иҷборӣ ба Ватан, аз вартаи нестӣ ва парокандагӣ наҷот додани давлату миллати тоҷик, аз бузургтарин ва беназиртарин хизматҳои тақдирсозеанд, ки Пешвои миллат барои давлату миллати тоҷик анҷом додаанд.

Ҳамин тариқ, бояд иброз намуд, ки бо шарофати талошҳои хастанопазир ва арзандаи таърихии Пешвои миллат дар самти таъмини сулҳу ваҳдати сартосарӣ, хомӯш кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва рафъи хатари парокандашавии миллат бо дастгириву ташаббусҳои бевоситаи халқи Тоҷикистон ба ӯ мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат лоиқ дониста шуда, аз тариқи қонуни конститутсионӣ танзими ҳуқуқӣ пайдо намуд. Воқеан, лоиқ донистани ин мақом ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соҳибтамаддунии миллати тоҷик гувоҳӣ медиҳад. Чунки ба ин васила, талошу заҳматҳои арзишманд, ҷонфидоиву меҳанпарастӣ, ваҳдатофарию сулҳпарварии Пешвои миллат қадрдонӣ гардида, дар хотираи таърихи миллат сабт шуда, сабақи воло барои насли ояндаи ин сарзамин мегардад.

# ҲИМОЯИ РИСОЛАҲОИ ИЛМӢ



Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун кохи бузурги донишу хирад дар тарбия намудани ҳуқуқшиносони варзида ва кадрҳои баландихтисос нақши босазо дорад. Хурсандиовар аст, ки теъдоди устодони унвондор дар факулет рӯз аз рӯз ба маротиб зиёд гардида, хазинаи илми ҳуқуқшиносии ватаниро бою ғанӣ мегардонанд.



Аз ҷумла, санаи 15 июни соли 2023 дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании Қурбонализода Нурулло Шамсулло дар мавзуи «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» рисолаи доктории худро сарбаландона дифоъ намуд.

Ҳамзамон, таърихи 27 майи соли 2023 ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Шерализода Ҷомӣ Шералӣ рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» ҳимоя намуд.

Бо ин мақсад, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Қурбонализода Н.Ш. ва Шерализода Ҷ.Ш.-ро бо ин дастовардҳои бузурги илмиашон аз самими қалб табрик намуда, ба онҳо рӯзгори хушу осуда ва дар фаъолияти минбаъдаашон барору комёбӣ орзу менамоянд.

# НАҚШИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН



**Парвон МИРЗОЗОДА**
**декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

*Ваҳдати миллӣ маҳсули андешаи миллии мост. Зеро маҳз андеша ва ҳуввияти миллӣ мардуми соҳибфарҳангу тамаддунсози тоҷикро водор сохт, ки сулҳу ваҳдатро барқарор карда, якпорчагии марзу буми кишварро ҳифз намояд ва миллатро аз парокандагӣ эмин дошта, барои рушди давлати соҳибихтиёри худ шароити мусоид фароҳам оварад.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Дар таърихи ҳар миллату давлат ҳодисаҳое дарҷ мешаванд, ки мондагор будани миллат ва рушду инкишофи давлат бо чунин ҳодисаҳо робитаи ногусастанӣ доранд. Маҳз яке аз чунин нақшу мавқеъро дар таърихи навтарини халқи тоҷик барқарор гардидани сулҳу субот ва расидан ба ваҳдати миллӣ бозидааст. Чуноне Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Имрӯз бори дигар бо ифтихор иброз менамоям, ки таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ хизмати бузургу таърихии халқи тоҷик аст ва қаҳрамони сулҳу ваҳдати миллӣ низ танҳо халқи Тоҷикистон мебошад».

Воқеан расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар таърихи навини тоҷикон аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Зеро баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ хоинони милати тоҷик ва бадхоҳони давлати тоҷикон бар асари фитнаву дасиса тавонистанд Тоҷикистонро ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор кунанд. Дар натиҷаи он ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба бухрони фоҷиабор рӯ ба рӯ шуда, дар ҷомеа бетартибиҳо, беқонунӣ, бесарусомонӣ, беҳокимиятӣ ҳукумфармо гардид. Дар натиҷаи ин бесарусомониҳо дар ҷумҳурӣ беш аз 150 ҳазор кас кушта ва тахминан 1 млн кас гуреза ва муҳоҷири иҷборӣ шуданд.

Чунин шароити бисёр душвор ва вазъи хатарбор фарзандони содиқу ватандӯст ва огоҳу бедордили миллатро водор намуд, ки барои пешгирӣ кардани ин раванди хатарнок иқдомоти ҷиддиро роҳандозӣ намоянд. Ин буд, ки Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд даъват карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки дастоварди бузургтарини ин иҷлосия ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки умеду орзуи мардум ва ҷомеаи ҷаҳониро ба фардои нек, ба сулҳу ваҳдат ва созандагиҳо дар кишвари мо бедор намуд. Маҳз дар ин иҷлосия таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аввалин санадҳо оид ба қатъи ҳарчи зудтари ҷангу хунрезӣ, барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ ва фаъолияти сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва дигар қарорҳои барои он рӯзҳо муҳимтарин ва таъҷиливу тақдирсоз қабул карда шуд. Бо ҳамин роҳ аввалин қадамҳо ба сӯйи ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ гузошта шуд ва барои таъмин намудани ваҳдати миллӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар баробари ин маҳз ба шарофати қабул ва амалӣ гардидани қарорҳои Иҷлосияи шонздаҳум барои барқарорсозии сулҳу субот, ташкили рукнҳои давлати соҳибихтиёри демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ, гузоштани заминаҳои ташаккули ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, низоми ҳуқуқии адолатпеша ва оғоз намудани барномаҳои пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ шароити зарурӣ муҳайё карда шуд.

Маҳз Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ, барқарории сулҳ дар Тоҷикистонро ҳадафи аслии худ ва ҳукумати навтаъсисаш эълон кард ва мардумро дар дохилу хориҷ ба муттаҳид шудан дар атрофи давлату ҳукумат даъват намуд. Аз ҳамон давра раванди музокироти байни тоҷикон барои барқарор намудани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ оғоз гардид. Музокирот дар кишварҳои гуногуни минтақа ва ҷаҳон, дар 8 давраи гуфтушунид, беш аз чор сол идома пайдо кард. Раванди музокирот бисёр мураккаб ва печида буд. Яке аз гуфтушунидҳои мураккаб, ки таърихнигорон зикр менамоянд, ин сафари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба деҳаи дурдаст ва кӯҳистонии Хусдеҳи Афғонистон дар зимистони соли 1996 мебошад. Ҳеҷ касе амнияти Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин деҳа кафолат дода наметавонист. Аз сабаби он, ки ин мулоқот ягона роҳи расидан ба сулҳ буд, на хатарҳои амниятӣ, на ҷангҳои шадид дар Афғонистон ва на вазъи хатарноки Хусдеҳ натавонист роҳбари давлатро аз азмаш баргардонад.




Баъд аз талошҳои зиёди хастанопазири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи 27 июни соли 1997 миёни ҳукумати ҷумҳурӣ ва мухолифин, дар шаҳри Маскав «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расид. Имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» кишварро аз нобудӣ ва мардумро аз парокандашавӣ нигоҳ дошт, дар Тоҷикистони азизамон ваҳдати миллиро танинандоз кард.

Бояд қайд намуд, ки ваҳдати миллӣ дар ваҳдати ҷомеа, мутаҳидии намояндагони халқҳои гуногун ифода меёбад, ки дар асоси манфиатҳои умумимиллӣ, арзишҳо ва гузаштаи таърихӣ инъикос мегардад. Аз ин рӯ, ваҳдати миллӣ ваҳдату иттиҳоди на танҳо тоҷикон, балки намояндагони тамому халқу миллатҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, мебошад.

Ваҳдати миллӣ ва истиқрори сулҳ ба он мусоидат намуд, дар даврони истиқлолият мо монеаҳоро бартараф намуда, роҳро дар самти рушди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар кушоем ва зина ба зина ҳадафҳои стратегӣ, ки дар назди давлату ҳукумати ҷумҳурӣ гузошта шудааст, амалӣ карда истодаем. Ҳамин аст, ки дар давраи истиқлоли давлатӣ ва ба даст овардани ваҳдати миллӣ дар кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Аз он ҷумла, дигар гардидани сохти сиёсӣ, дигаргуниҳо дар соҳаи иқтисодиёт, рушди бахши хусусӣ ва бунёди корхонаҳои нав, роҳҳо, неругоҳҳои барқӣ-обӣ, дигар гардидани сохтори иҷтимоӣ, дигар гардидани тарзи ҳаёт, дигар гардидани тамоюлҳои арзишӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёту фарҳанг, дигаргуниҳо дар худшиносии инсонҳо ва ҳувияти миллӣ ва иҷтимоии онҳо ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки барқарор шудани сулҳу субот ва ба даст омадани ваҳдати миллӣ ба сатҳу сифати санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бе таъсир намонд. Бе шубҳа қайд намудан ба маврид аст, ки бо барқарор шудани сулҳу субот ва ба даст омадани ваҳдати миллӣ фаъолияти қонунгузорӣ устувор гардида ба инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон замина ба вуҷуд омад. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки ба шароити нав созгор набуданд аз эътибор соқит дониста шуда санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии нав қабул карда шуданд. Махсусан, дар солҳои аввали ба даст омадани ваҳдати миллӣ қабули қонунҳо ва кодексҳо ба таври васеъ инкишоф ёфт. Дар ин давра бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ як қатор қонунҳо ва кодексҳо, аз қабили Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (10.12.1999); Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» (10.12.1999); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизмат» (12.12.1997); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ» (12.12.1997); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» (22.05.1998); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» (23.05.1998); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоби бухгалтерӣ» (14.05.1999); Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (12.12.1997); Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21.05.1998); Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (13.11.1998); Кодекси фазоӣ ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (13.11.1998); Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (12.11.1998) ва ғайраҳо қабул карда шуданд ва ин раванд то имрӯз идома дорад.

Дар воқеъ Ваҳдати миллӣ бо тайнамудани роҳи пуршебу фароз ва душвор насибамон гардид. Аз ин рӯ, мо вазифадор ҳастем, ки онро чун гаҳвараки чашм ҳифз намоем. Маҳз бо эҷоди ваҳдати миллии комил, дӯстию рафоқату ҳамдигарфаҳмӣ ва меҳнати созандаю оқилона муяссар мешавад, ки барои хеш зиндагии шоистаро муҳайё созем. Ваҳдати миллӣ метавонад барои устувории давлат, сарсабзии миллат ва ба даст омадани бахту саодат замина фароҳам оварад. Ваҳдат буд, ки дар як муҳлати кӯтоҳ мулки харобгардидаро ба як кишвари гулгулшукуфон ва халқи азиятдидаи онро ба як миллати воҳид табдил дод. Ба назари мо чанд омили калидие ҳастанд, ки метавонанд ба таҳкими Ваҳдати миллӣ тақвият бахшанд, ки ин огоҳ будан шаҳрвандон аз таърихи гузаштаи давлату миллати худ, баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва ҳуввияти миллии шаҳрвандон, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ нисбати Ватан, ватандӯстиву ватандорӣ дар ҷомеа, бунёди заминаи воқеии таҳкими ваҳдати миллӣ ва ғайра.

Яке аз роҳҳои устувору пойдор намудани ваҳдати миллӣ ин дар сатҳи баланд таҷлил намудани «Рӯзи Ваҳдати миллӣ» мебошад. Аҳамияти таҷлил намудани ҷашни Ваҳдати миллӣ дар он аст, ки хотираи таърихӣ, ифтихори миллӣ, ҳиссиёти ватандӯстӣ, якдиливу ҳамгироӣ ва арзишҳои дигари давлатӣ ва миллати мутамаддин таҳким ёфта, ба ин васила амнияту ваҳдати милливу давлатии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити кунунии вазъи нооромии ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки таҳдид ва хатарҳои муосир фаъол гардидаанд, ҳар як шаҳрванди ватандӯстро лозим аст, ки дар таҳкими ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошад. Чунки, вазъи ноороми ҷомеаи ҷаҳонӣ онро тақозо мекунад, ки мо ҳама дар атрофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шавем ва барои ободу гулгуншукуфоии ватани азизамон – Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ диҳем.

*Таърих гувоҳ  аст, ки дар аввалҳо солҳои 90-уми асри гузашта раванди ноил гаштан ба соҳибихтиёрӣ ва бунёди заминаҳои давлатдории миллӣ дар замони пошхӯрии давлати абарқудрати Шӯравӣ ва аз ҷониби собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравӣ паси ҳамдигар эълон намудани истиқлолияти давлатӣ ба вуқуъ пайваст.*

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – АСОСИ БУНЁДИИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Дар ҳамин ҳошияи фурӯравии давлати Шӯравӣ ва бархурдҳои манфиатҳои динию сиёсӣ халқи тоҷик низ истиқлолияти давлатии худро эълон дошт, ки он минбаъд ба муамоеҳое рӯ ба рӯ шуд. Эмиссарони хориҷӣ тавонистанд бо истифода аз қувваҳои иртиҷоии дохилӣ муқобилистӣ ва барангехтани ҷанги бардавоми шаҳрвандиро ба Тоҷикистон таҳмил намоянд, ки он ниҳоят Тоҷикистонро ба муборизаи хунини дохилӣ ва қурбониҳои зиёд мубтало намуд.

Вазъият чунин рушт меёфт, ки фаъолияти мақомоти конститутсионии кишвар фалаҷ гашта, роҳбарони онвақта ва пешвоён аз идоракунии давлат даст кашида буданд ва идоракунии давлат ба дасти яроқдорон ва лашкардорон гузашта буд. Ин мубталоъ ангезаи миллатро ба саргумӣ, давлатро ба нестшавӣ гирифтор намуд. Душманони хориҷӣ ва дохилии кишвар нақшаи қисмат намудани Тоҷикистонро кайҳо таҳрезӣ намуда буданд.

Дар чунин вазъият кишвар ба роҳбаре ниёз дошт, ки дорои иродаи қавии сиёсӣ бошад, ҳастӣ ва ҳатто ҷони худро барои ба даст овардани ваҳдати миллӣ ҳамчун яке аз арзишҳои манфиатҳои миллӣ нисор намояд. Аз тарафи дигар зарурияти дар ҳам якҷоя намудани салоҳияти рукнҳои гуногуни ҳокимияти далатӣ баръало эҳсос карда мешуд.

Иҷлосия XYI-уми таърихии тақдирсози Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри «Арбоб»-и шаҳри Хуҷанд шуда гузашт, масъалаи асосӣ, ҳастӣ ва нестии давлатдории тоҷикон, наҷотдиҳии миллатро аз буҳрони сиёсӣ ҳал намуд. Дар ин иҷлосия, вакилон ба вазъи сиёсии кишвар баҳо дода, ба моддаҳои 99, 106, 108, 109 Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 1992 тағйиру иловаҳо ворид намуда, вазифа ва ваколатҳои ҳокимияти иҷроия ва қонунгузорӣ якҷоя карда шуданд. Акнун Шурои Олии ҷумҳурӣ мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дониста шуда, ба он вазифаи қонунбарорӣ, амрдиҳӣ ва назоратӣ вогузор карда шуд. (м.99) ва ваколатҳои Раиси ҷумҳур, аз ҷумла сардори давлат, сарфармондеҳи тамоми қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон, зомини ҳуқуқу озодии шаҳрвандон будан ба Раиси Шӯрои Олӣ дода шуд.

Ба хотири раҳоӣ ёфтан аз ин бӯҳрон ва барқарор намудани сохтори конститутсионии кишвар вакилон шахсеро меҷустанд, ки дар чунин шароит масъулияти сангинро доир



**Холмаҳмад ОЙЕВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**

ба иҷрои вазифаҳои закршуда ба дӯш гирад. Ниҳоят вакилон Президенти ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуданд ва дар ҳамин иҷлосия ба халқи Тоҷикистон ваъда доданд, ки халқи тоҷикро сарҷамъ мекунанд, ҳато агар ин ба қиммати ҷонашон ҳам бошад.

Роҳбари давлат баъди ба душ гирифтани ин масъулият борҳо бо мухолифин дар бобати сарҷамъ намудани миллат ва ташкили давлати миллӣ гуфтушунид анҷом дода, даҳҳо ҳуҷҷатҳои расмиро ба имзо расонидаанд.

Ниҳоят 27 июни соли 1997 дар ш. Москав Созишноми умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расонида шуд, ки барои ҷаҳониён таҷрибаи нодире шуд ва ҳамин рӯз Рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон гардид.

Беҳуда нест, ки соли 1998 дар иҷлосияи 41-уми Ассемблеяи Генералии СММ сиёсати мусолиҳаи миллӣ ба таври расмӣ ҳамчун тарҳи бунёди ҳалли низоҳои дохилимиллӣ ва минтақавӣ эътироф гардид. Ба ин муносибат собиқ Муншии Умумии СММ Кофи Аннан қайд карда буд, ки «Президенти Тоҷикистон намунаи ибрати аз зуроварӣ даст кашидани ҳалли дохилимиллиро нишон дод».

Ваҳдати миллӣ чунин арзише мебошад, ки он натиҷаи ризоияти миллӣ ба даст омадааст, ки ба он бунёд ва рушди тамоми унсурҳои ҷомеъ ва давлат такя менамояд. Таҷрибаи талхи Тоҷикистон маҳалгароиро ҳамчун марази бедавои ҳокимияти сиёсӣ ба исбот расонида, ваҳдати миллиро ҳамчун омили муттаҳидкунанда, пешбаранда ва давои раҳоӣ ёфтан аз ин «касалии музмин» нишон дод.

Ваҳдати миллӣ дар сиёсати давлатдорӣ ва ҳаётӣ воқеӣ аз рӯйи манфиати миллат ба роҳ мондани идораи давлат ва ба ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ рӯзмарраи халқу миллат ифода карда, заминаҳои худшиносии миллиро фароҳам сохт.

Ваҳдати миллӣ номатлуб будани равия ва хатари ҷудоандозии маҳалгароиро рафъ сохта, ба бунёд ва ташаккули давлати миллӣ, афкору шуури миллӣ ва ҷаҳонбинии миллӣ, психологияи миллӣ нерӯи нав ва тавон бахшид.

Ваҳдати миллӣ ин асоси соҳибихтиёрии халқ буда, дар заминаи он давлати миллӣ ва истиқлолияти он дар замини конститутсионӣ ташкил карда шуда, имрӯзҳо бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи сулҳи тоҷикион, бунёд ва ташаккули давлати миллӣ беназир аст.

Баҳри гиромидошти ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки ҳанӯз дар Анҷумани 3-ми он Ҷаноби Олӣ зикр намуда буданд, ки «соҳибихтиёрии ҳар як кишварро асосан се арзиши муқаддас: истиқлолият, сулҳу субот ва ваҳдату ризоияти ҷомеа муайян месозад».

Боиси ифтихор аст, ки ваҳдати миллии Тоҷикистон дар баробари истиқлолияти давлатӣ, сулҳу амнияти саросарӣ ва тамомияти арзии кишвар аз ҷумлаи арзишҳои тақдирсози давлатдорӣ ва давлатсозии навини мо маҳсуб мешавад. Ин арзиш ифодаи худро дар қонун «Дар бораи рузҳои ид» дарёфт, ки 27 июн – Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҳамчун рӯзи истироҳати ғайрикорӣ муқаррар шудааст.

Рӯзҳои наздик ин рӯз фаро мерасад ва ҳамаи шаҳрвандони кишвар, аз ҷумла кормандон, донишҷӯёни донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва тамоми мардуми тоҷикистониёро ба ин рӯзи таърихӣ табрик гуфта, зиндагии осударо дар фазои ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, осмони соф ва тафоҳум таманно дошта, хонаободиву сарбландиро таманно дорам.

Ҳамин тариқ, бо итминон метавон гуфт, ки ваҳдати миллӣ дар замони муосир бо истодагариву заҳмати шабонарӯзии фарзанди баруманди миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеан ба яке аз арзишҳои волои миллӣ ташаккул ёфта, он бешакку шубҳа ба асоси бунёдии давлатдории миллӣ табдил дода шудааст.



# ВАҲДАТ ВА ҲАМДИЛӢ



**Далер РАҲМОН**
**судяи суди ноҳияи Сино, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Ваҳдат ва амну суботи миллӣ дар ҳар давру замон новобаста ба давраҳои таърихӣ ҳамеша мазҳари идеалу ормонҳои волои инсон буда, кафили муттаҳидию ягонагии мардуми мубориз, фидокору ватандӯст ва василаи ягонаи ҳифзи асолату ҳувияти мо ба шумор мерафт.

Ин падидаҳои бемислу хуҷастаи замони Истиқлолият, ки ба ҳам тавъам мебошанд ва якдигарро пурра мекунанд, ҳамчун муқаддастарину азизтарин неъмат, тантанаи адолат, рамзи саодат ва шинохти асолати таърихии миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва пойдориву бақои давлат буда, дар сиришти миллати тоҷик ғояҳои ватандӯстӣ ва ҳадафҳои наҷиби созандагиро тақвият мебахшанд.

Ваҳдати миллӣ, ки маҳз ба шарофати талошҳои қаҳрамононаи фарзанди баруманди милати тоҷик Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба даст омад, ба мардуми тоҷик қувваи тавоно бахшида, барои таҳкими суботу оромӣ, ташаккули ғояҳои инсондӯстона ва фарҳанги сиёсию ҳуқуқии мардум дар шароити ташаккули давлатдории навин замина гузошта, барои рушди муназзам ва устувори ҳамаи соҳаҳои ҳаётии мамлакат шароити зарурира фароҳам овард.

Албатта, роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ки мо бо он устуворона пеш рафта истодаем, воқеан далели барҷастаи пирӯзии ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулгароӣ, ягонагии халқ ва ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб меёбад. Ин дастоварди нодир ҳоло ба ҳайси ҷузъи таркибии суннати таҳаммулгароӣ дар пешрафти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон нақши бузург дорад.

Миллати сарбаланди мо хуб дар ёд дорад, ки давлати тозаистиқлоли мо дар оғози солҳои 90-уми қарни гузашта ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор шуда, тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ фалаҷ гардид ва давлатро буҳрони амиқи сиёсӣ фаро гирифт. Чунин вазъи пурфоҷиа хатари заволи давлат ва парокандагии миллатро пеш оварда буд. Вале, хушбахтона, бо такя ба сабақҳои таърих ва хиради мардуми фарҳангсолори тоҷик, талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба халқи тоҷик муяссар шуд, ки дар муддати кӯтоҳ пеши роҳи низоъи даҳшатноки дохилиро гирад, барои интихоби низоми давлатдории муосир ва рушди мамлакат заминаи мусоид фароҳам оварад. Мардуми соҳибмаърифату сулҳҷӯи мо таҳти парчами ваҳдату ягонагии миллат ба ҳам омада, ваҳдати миллиро ҳамчун шарти асосии пешрафти ҷомеа пазируфтанд ва барои ҳифзу таҳкими ин арзиши гаронбаҳо то ба имрӯз бо камоли ғайрату матонат азму талош варзида истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки барои ноил шудан ба чунин дастоварди тақдирсоз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калиди бозида, заминаҳои пойдори фароҳам овардани роҳи минбаъдаи рушди ҳаёти миллатамонро муайян намуд.

Мардуми шарафманди Тоҷикистон равшан дарк намуданд, ки танҳо дар фазои сулҳу ваҳдати миллӣ ва тавассути заҳмати ватандӯстона метавон давлати тозаистиқлоли хешро ба мамлакати ободу тараққикарда мубаддал гардонид ва барои наслҳои оянда як кишвари воқеан мутараққӣ ва мутамаддинро ба мерос гузошт. Ваҳдати миллӣ ва таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон аз зумраи сабақҳои басо арзишмандест, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди қабулу омӯзиш қарор гирифт.

27 июни соли 1997 дар таърихи давлатдории тоҷикон рӯйдоди бузурге арзи вуҷуд кард, ки он дар тақдири минбаъдаи мардум гардиши куллӣ ва таҳаввули бунёдӣ гардид. Метавон гуфт, ки имрӯз дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо ваҳдати миллӣ ҳамчун ғояи умумимиллӣ дар радифи мафҳумҳои озодиву истиқлолият ва сулҳу субот пазируфта шудааст.

Маҳз тавассути ваҳдат ва сулҳу суботи ҷомеа, мо ба тамоми ҳадафҳои худ расида, бо нерӯи созандагию бунёдкорӣ Тоҷикистони азизи худро дар қатори давлатҳои мустақили ҷаҳон ҷой дода метавонем. Ваҳдати миллӣ асоси оромиву осудагии халқ, кафолати инкишофи давлат ва муҳимтарин омили рушди ҷомеа мебошад.

Аз ин рӯ, ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик бозёфти арзишмандтарин мебошад, зеро он барои амалӣ гардидани ормонҳои халқамон, ки бо қалби пур аз умед интизори сулҳу оромӣ ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ буданд, заминаи воқеӣ гузошт.

Бинобар ин, ваҳдати миллиро, бешубҳа, метавон ҳамчун самараи талошҳои хурду бузурги Ватани азизамон маънидод кард ва маҳз ба ҳамин хотир, ҳар яки мо вазифадорем, ки онро ҳифзу нигоҳдорӣ намоем.

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ОМИЛИ РУШДИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН



**Фаридун МАРТАБШОЗОДА**
**корманди дастгоҳи Суди Олӣ**

Яке аз шартҳои муҳим дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ Ваҳдати миллӣ ба шумор меравад.

Ҳанӯз яке аз вазирони донишманд, сиёсатмадори нуктасанҷи давлати Сомониён Абдулфазли Балъамӣ, фармуда буд, ки «ваҳдату ҳамдастӣ, муттафиқию ҳамсилкии аҳли ҷомеа ва вафопешагии эшон ба меҳани хеш пояи боэътимоди истиқлолият, тавоноӣ ва шикастнопазирии давлатро ташкил медиҳанд».

Баъди ҳазор соли аз даст додани давлатдорӣ Тоҷикистон соҳиби истиқлолият гардид, вале бо ба даст даровардани ин неъмати бебаҳо Тоҷикистон ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Ин ҷанги бемаънӣ ва нангини бародаркӯш ба миллати тоҷик аз ҳама ҷиҳат зарари ҷиддӣ ворид сохт. Дар натиҷаи муборизаҳои тӯлонӣ ҳазорҳо шаҳрвандони кишвар ҷони худро бохтанд ва одамони зиёде гурезаву овора гаштанд.

Ба хушикболии миллат таърих ҷавонеро, ки қалбаш бо нияти пок, вуҷудаш пур аз ҷасорату муҳаббат ба халқу ватан бо номи Эмомалӣ Раҳмон ба сари ин миллати ғамзада овард, ки тамоми кӯшишу заҳмати хешро барои поён бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ, таҳкими сулҳ ва Ваҳдати миллӣ равона сохта, миллати андӯҳдидаву дур аз ватанро сарҷамъ сохт.

Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия имзо гардид, ба таърихи 27-уми июни соли 1997 ёд шуда, дар ҳошияи бузургтарин ҳодисаҳои сиёсии ҷаҳон дар охири карни XX қарор гирифтааст. Таърихи инсоният то ин дам кам ёд дорад, ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишваре ба зудӣ поён ёбад ва тарафҳои даргир бо дарки воқеияти зиндагӣ ба ҳам оянд.

Баробари ба даст овардани Ваҳдати миллӣ дар кишвари мо марҳилаи нави тараққиёт дар тамоми самтҳои давлатдорӣ оғоз ёфт. Нобоварӣ ва мухолифат аз байн бардошта, ниҳоят замони ҳамкории дастаҷамъона бахри ҷомеаи ҳуқуқбунёди демократии ҷомеа, ки ояндаи дурахшони Тоҷикистони азизи моро таъмин месозад, бахри кор ва зиндагии осоишта барои ҳар як узви ҷомеа шароит муҳайё мекунад, ба миён омад. Дастовардҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, ки тайи 30 соли охир дар кишвари мо ба миён омадаанд, бешубҳа тамомаш ҳосили Ваҳдати миллӣ мебошанд.

Имрӯз кулли мардуми тоҷик, аз ҷумла мо ҷавонони мамлакатро зарур аст, ки Ваҳдати миллиро таҳкиму тақвият бахшида, фазои ороми сиёсии кишварро ҳамеша нигоҳ дорем ва бахри дӯстиву ягонагӣ ва ризоияти ҷомеа кӯшиш намоем.

Барои ҷавонон 27 июни соли 1997 як санаи муқаддас, як рӯзи таърихӣ ва як воқеаи тақдирсоз мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба арзишманд будани Ваҳдати миллӣ фармудаанд: «Мо бояд шукр гӯем, ки ба чунин рӯзгори орому осуда расидаем ва сулҳу субот, Ваҳдати миллиро бояд ҳамчун дастоварди азизтарини халқамон ба монанди гавҳараки чашм эҳтиёт намоем».

Ин сухани Сарвари мамлакат, албатта пеш аз ҳама ба мо ҷавонони кишвар дахл дошта, моро масъул месозад, ки натанҳо дастовардҳои истиқлолият, сулҳу салоҳ, ваҳдату ягонагӣ ва якпорчагии Тоҷикистонро ҳифзу эҳтиёт кунем, балки он ҳама корҳои неки анҷомдодаи аҷдодони худро дар ҷодаи дӯстӣ, иттиҳоду ягонагӣ ва ҳамрайӣ бо халқҳои сулҳпарвару тараққихоҳи олам ба тамоми ҳастиамон ҳифз намоем.

Ҷалб намудани ҷавонон ба корҳои давлатдорӣ, таъмини онҳо бо ҷойҳои кории мувофиқ, фароҳам овардани шароит барои ташаккули фарҳанги сиёсию маърифатӣ, ҳуқуқӣ, дастгирии соҳибистеъдодҳо иқдомест бахри тақвияту тантанаи Ваҳдати миллӣ ва ризоияти ҷомеа.

Вақте сухан дар бораи Ваҳдати миллӣ ва сулҳу созандагӣ меравад пеши назар симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон айён мегардад.

Мусаллам аст, ки ҷанг ҳамеша василаи асосии ҳалли ягон мушкилоти дохилӣ, минтақавӣ, байнидавлатӣ, байналмилалӣ ё динӣ махсуб намешавад. Ба ин маънӣ Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошта буд: «Мо бемаънӣ будан ва оқибатҳои ҳалокатовар доштани авҷгирии ҷанги бародаркушро барои миллати тоҷик ва ояндаи он, инчунин давлати тоҷикон дарк намуда, баъди барқарор сохтани ҳокимияти конститутсионӣ сиёсати қатъии истиқрори сулҳ ва созгории миллиро танҳо бо роҳҳои осоишта, яъне бо роҳи гуфтушунид ва музокира пеш гирифтем».

Ба ҳамагон аён аст, ки оғози музокирот ва гуфтушунидҳои судманду тақдирсоз бо интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии қавӣ дорад. Ин фарзанди барӯманди сарзамин баъдан бунёдгузори сулҳи воқеӣ ва кафили оромию осоиштагии мардуми Тоҷикистон гардид ва дар муддате баъд бо ин амали худ дар қатори машҳуртарин шахсиятҳои сиёсии ҷаҳони имрӯза қарор гирифт.

Созишномаи истиқрори сулҳи миёни тоҷикон, паймони бародариву ҳамдилӣ, ҳаммаромӣ, масъулияти баробар ва амиқ барои ҳаёти осоишта, ободии Ватан аз ҷониби ҷомеа шинохта ва эътироф шуда, оғози марҳалаи рушду нумӯи миллати тоҷик мебошад.

Бо шарофати Созишномаи истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ садҳо ғояҳои бунёдкорӣ ба вуҷуд омаданд. Имрӯз бунёди роҳҳои замонавӣ, нақбҳо, иншооту корғоҳҳо, ташкилоту муассисаҳо, ободиву навсозиҳои бисёр дар ҷанбаҳои зиндагии кишвар ба рӯйдоди муқаррарӣ табдил ёфтаанд. Бо вуҷуди он, ки ҳоло на ҳама мушкилот ва камбудиҳои мавҷуда роҳи ҳалли худро ёфтаанд, мо бо боварии том гуфта метавонем, ки дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим бидуни шакку тардид комёб гардида истодаем.

Ҳамкории давлати Тоҷикистон бо бузургтарин давлатҳо, ҳамсоягон, кишварҳое, ки афзалияти ҳамкориву равобити бисёрҷонибаро бо ватанамон дарк намудаанд, доираҳои васеи мавзӯҳои дигари иқтисодиву иҷтимоиро фаро мегирад. Тоҷикистон сол ба сол қомати хешро баланд мекунад, рӯз ба рӯз ободтар мегардад. Ҳаёт аз нав ҷӯш мезанад, шавқу завқи мардум бахри созандагиву бунёдкорӣ лаҳза ба лаҳза боло мегирад. Тавре, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромади хеш дар яке аз ҷорабиниҳои ҷумҳуриявӣ таъкид доштанд: «... асосҳои конститутсионӣ ва қонунии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон пайдо гардид, самтҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ, роҳу равиши робитаҳои хориҷӣ вусъат ёфт, ҳуввияти миллӣ, эҳсоси худшиносӣ ва ифтихори ватандорӣ боло рафт, озодии виҷдон ва фаъолияти созмону ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар доираи қонун ба низом даромад. Дар тафаккури ҳамаи табақаҳои ҷомеа як дигаргунии куллӣ падид омад».

Ваҳдати миллӣ дар оинаи пиндорҳои ҷавонон бо тобиши тозаву самимӣ ва ормонӣ таҷаллӣ намуд. Зеро нақшу мақоми он ба таври махсус дар ҳаёти ҷавонони кишвар бузургу носутурданӣ аст. Аз таърихи начандон дури миллати тоҷик пайдост, ки маҳз дар оғози марҳилаи истиқлолият ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ қурбонии асосии ин набарди холӣ аз мазмун нерӯи бузурги ҷавонон буданд, ки ба доми тазвири гурӯҳҳои манфиатҷӯ гирифтор шуданд. Ин даҳшати таърихӣ ҳодисаи морҳои дӯши Заҳҳокро ба хотир меовард, ки рӯз ба рӯз мағзи сари ҷавонеро мехӯрд, то афкори тозаву созандаро аз бунёдаш решакан созад. Танҳо ҳиммати Фаридунонаи Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон буд, ки миллати моро аз ин фоҷиаи заҳҳокӣ наҷот бахшида, барои ҷавонони кишвар ҳаёти осоиштаву гуворо эҳдо намояд. Дар ин росто, такя ба қудрати зеҳнӣ ва заковату маърифати ҷавонон ҳам аз падидаҳои муҳими сиёсие ба шумор омад, ки имрӯз дар меҳвари сиёсати давлат қарор дорад.

Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷавонони мамлакат ин нуктаро мушаххас ба таври зайл тавзеҳ дода буданд: «Мо ба масъалаи ҷавонон барои он таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоем, ки онҳо ояндаи миллату давлатанд. Бинобар ин, шумо бояд дар маҷмӯъ сиёсати давлатро доир ба тамоми соҳаҳо ҳамчун сиёсати давлатии ҷавонон қабул карда, дар татбиқи он такягоҳи асосӣ бошед.

Ҳар як тадбире, ки дар мамлакат амалӣ карда мешавад, мақсад аз он пеш аз ҳама беҳбудии ҳаёти ҷавонон ва ба хотири ояндаи неки Тоҷикистон аст».

Дар фосилаи аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ дар қаламрави мамлакат муҳити тозаву созанда ва ояндасозу пешбаранда фароҳам омад. Баргузории мулоқоти Сарвари давлат бо ҷавонони кишвар ва қайд гардидани Рӯзи ҷавононро низ ба гунае метавон самараи ин ҳуҷҷати муҳим ва ҳосили ваҳдати миллӣ арзёбӣ намуд.

Ҳосили ҳамин Ваҳдати миллӣ аст, ки имрӯз ҷавонони кишвар шукронаи фаро расидани рӯзҳои неку масъуд ва шароити хуби таҳсил кор мекунанд. Айни ҳол, ҷавонон ба файзи ин Ваҳдати миллӣ имкон доранд роҳи ормонҳои худро тай намуда, дар кишварҳои хориҷи Тоҷикистон барои камолоти тахассусии худ аз файзи раҳнамоиҳои Пешвои миллат, баҳравар шаванд. Духтарону писарони навоҳии кӯҳистон тибқи квотаҳои президентӣ дар мактабҳои олии дилхоҳи худ таҳсил намоянд, аз дастовардҳои пешқадами илму техникаи ҷаҳони муосир истифода намуда, худро ҳамчун ҷавони ояндасозу худшинос барои ҷаҳониён муаррифӣ карда тавонанд.

# МАСЪУЛИЯТИ ВОЛИДАЙН ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД



**Шаҳноза СОДИҚОВА**
**мутахассиси пешбари раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Суди Олӣ**

Масъулият худ эҳсосест, ки дар рафтори ҳар як шахсияти комили ҷомеаи мутамаддин ва ҳар як фарди бедордил вобаста ба ин ё он вазифае, ки ба дӯшаш гузошта шудааст, дида мешавад. Аммо тақозои замон аст, ки ин масъулиятро бахри беҳбудии ҳаёти инсон дар худи инсон давлат ва қонунгузорӣ бедор намояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” яке аз қонунҳои миллии кишварамон бо тақозои замон, дар натиҷаи пайдо гардидани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои нави дар ҷомеа ба вуҷудомада ва масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи имрӯза, ки бе танзими ҳуқуқӣ ҳаллу фасли онҳо душвор гардид, қабул карда шуд. Зеро дар замони таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои мухталифи ҳаёти инсоният, махсусан ба мафкураи кӯдакону наврасон, ки ояндаи давлату миллат ҳастанд, қонуни мазкур дар амал татбиқ гашта истодааст.

Дар қисми дуюми моддаи 34-и Констутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон масъул мебошанд».

Вазифаи падару модар аз муҳайё намудани шароити мусоид барои инкишофи мӯътадили ҷисмонӣ ва руҳии фарзанд, таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ва пеш аз ҳама масъулият барои пешгирӣ ва роҳ надодан ба тамоми амалҳои ношоистае, ки фарзандонашон метавонанд аз беаҳмиятии онҳо содир намоянд, иборат мебошад. Беҳуда нагуфтаанд, ки фарзанд азиз, адабаш аз он азизтар.

Маҳз дар натиҷаи ба воя расонидани фарзандони солимақл ва бедордил маънии зиндагии мо аён мегардад. Барои ба ин ҳадафҳо ноил шудан падару модаронро мебояд назоратро аз болои фаъолияту кирдорҳои фарзандон ҷиддӣ ба роҳ монанд. Чунки ҳангоми аз таълиму тарбия дур мондани кӯдакону наврасон на танҳо ба оила, балки ба кулли ҷомеа бетаъсир буда наметавонад.

Дар заминаи меъёрҳои Конститутсия дар ҷумҳурии мо қонуни миллии мазкур масъулияти падару моддарро дар таълиму тарбияи фарзанд дар сатҳи қонунгузорӣ таҳким бахшид. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” 2 августи соли 2011 таҳти рақами №762, ки аз 6 боб ва 17 модда иборат аст, дар низоми қонунгузории Тоҷикистон алоқаи мавқеи махсус пайдо кардааст.

Фарзандон беҳтарин воситаи бақои оила ва сарчашмаи асосии хушбахтии мо мебошанд. Аз ин сабаб, барои тарбияи дурусти онҳо муҳити боварӣ ва эҳтироми ҳамдигариро фароҳам овардан зарур аст. Қонуни мазкур аз ҷониби дигар ба таърихи тамаддуни миллати тоҷик дар тули қарнҳо, ки ба масъалаи тарбияи фарзанд аҳамияти ҷиддӣ дода мешуд, алоқамандӣ дорад. Мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд уҳдадориҳои зерин доранд:

**Ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд.**

Яке аз ҷанбаҳои асосии фардияти кӯдак ҳуқуқи ӯ ба ном аст. Яъне доштани ном кӯдакро ҳамчун фард дар ҷомеа муаррифӣ менамояд. Бинобар ин, кӯдак аз лаҳзаи таваллуд фавран, бетаъхир ба гирифтани ном ҳуқуқ дорад. Падару модар уҳдадоранд ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд. Зеро гузоштани номҳои ба фарҳанги миллии тоҷикӣ бегона метавонад ба ҳолати равонии кӯдакон ва наврасон таъсири манфӣ расонад. Номгузорӣ ва шакли дурусти навишти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фарҳанг, анъанаҳои миллӣ ва Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №325 аз 27 июли 2016 тасдиқ карда шудааст, амалӣ мегардад. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кӯдак гузоштани номи ба фарҳанги миллии тоҷикӣ бегона, номи ашё, мол, ҳайвонот ва парандагон, ингунин ном ва ибораҳои таҳқиромез, ки шаъну шарафи инсонро паст мезананд ва одамонро ба табақаҳо ҷудо менамоянд, манъ аст.

**Барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд.**

Кӯдак низ ҳамчун як узви ҷудонопазири ҷомеа ва категорияи ба ҳимоя эҳтиёҷманди аҳолӣ дар қатори дигар калонсолон ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ дорад. Ин ҳуқуқ алакай аз хурдсолии ӯ аз он лаҳзае оғоз меёбад ки аз чанд давраи эмкунӣ мегузарад, ки ин эмкунӣ бар зидди бемориҳои фалаҷ, сурхча ва ғайра амалӣ мегардад. Баъд дар давоми наврасӣ ва ба воярасонии кӯдак падару модарро мебояд аз вазъи саломатии фарзанди хеш огоҳ бошанд ва беаҳмиятӣ зоҳир накунанд.

**Пас аз таваллуд, фарзандро дар муҳлати то се моҳ аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд.**

Дар гузашта, то қабули қонуни мазкур, масъалаи сари вақт гирифтани шаҳодатномаи таваллуд ба фарзанд, беэътиноӣ зоҳир мешуд. То ҳатто ҳангоми ҳафт сола шудани кӯдак ва ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба синфи якум рафтанашон ба кӯдакон шаҳодатномаи таваллуд мегирифтанд. Аммо хушбахтона, баъди дар амал татбиқ намудани қонуни мазкур то андозае ин масъала танзими худро ёфтааст.

Ҳамаи ин уҳдадориҳои дар боло зикршуда ҳангоми риоя нашудан метавонад оқибатҳои ҳуқуқкиро ба бор оваранд, ки аллакай аз амалияи ҳуқуқӣ ба қисмати зиёди аҳолии кишвар маълум аст.

Эҳсоси масъулияти баланди падарию модарӣ ба тарбияи фарзандони бомаърифат ба ташаккул ва пешрафти ҷомеа мусоидат намуда, барои ба воя расидани наслҳои аз ҳама ҷиҳат соҳиби ақлу иродаи қавӣ ва виҷдони покдошта заминаи устувор мегузорад. Зеро ояндаи ҷомеа дар дасти насли наврас аст, аз ҳамин хотир, дар таълим ва тарбияи онҳо дар баробари падару модар инчунин ҷомеа ва дигар қишрҳои он саҳмгузор бошем.

*Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро таъкид ва роҳнамоӣ менамоянд, ки «мо бояд ҳамеша зираку хушёр бошем, худогоҳиву худшиносии миллиро, ки асли он арҷгузорӣ ба Истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он, дӯст доштани Ватан, Модар, Забон, Фарҳанг ва арзишҳои Миллӣ мебошад, густариш бахшем, наслҳои наврас ва ҷавононро дар ҳамин рӯҳия тарбия намоем!»*

# ХИЗМАТ БА ВАТАН ШАРАФ АСТ!



Шодмон МАНСУРӢ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Хизмат намудан дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин карзи фарзанди бонангу номус аст. Ҷалби ҷавонон ба корҳои сиёсиву ҷамъиятӣ, барои устувор намудани рукнҳои давлатдорӣ бахри ҳимояи марзу буми Ватани азизамон, ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ аз таҳдиду хатарҳои замони муосир муҳим мебошад. Бинобар ин, барои арҷ гузоштан ба муқаддасоти олӣ, бедор намудани ҳисси ватандустӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар доираи қонунгузорӣ амал намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Тарбияи ҳарбии ҷавонон маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки бахри дар тафаккури онҳо ташаккул додани дарки масъулиятшиносии ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, ифтихор доштан аз миллати худ ва Қувваҳои мусаллаҳи кишвар, эҳтиром гузоштан ба таърихи меҳан ва ҳифзи манфиатҳои давлатдорӣ ба ғайра мебошад.

Хизмати ҷавонон дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ масъулияти баландро тақозо менамояд. Аз мактаби мардонагӣ гузаштани ҷавонон, ҳифзи марзу буми Ватанро таъмин намудан вазифаи ҳар як ҷавонмарди бонангу номус ва қарзи ҳар як фарзанди Модари тоҷик мебошад. Аммо, имрӯзҳо ба мушоҳида мерасад, ки баъзе ҷавонон ба падару модарон вобаста ба масъалаи мазкур бетарафӣ зоҳир намуда, аз хизмати давлатӣ саркашӣ менамоянд, ки аз онҳо масъулияти баланд талаб карда мешавад. Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Инчунин, муносибатҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбии шаҳрвандон тибқи м. 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» таъмин карда мешавад.

Ватан ва Ватандӯстӣ барои ҳар як шахс ва миллат хеле азиз буда, мазмуни хеле амиқ доранд. Ватан - Тоҷикистон, кишвари азизу маҳбуб барои шахс, ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллии одамон, ки онҳо мансубияташонро ба он ҳамчун шароити зарурии некуаҳволии худ медонанд. Ватандӯстӣ - муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан мебошад.

Заминаи ҳуқуқии истилоҳи Ватан аз Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» манша гирифта, ҳангоми онро ба забон овардан ҳисси масъулияти баланди шаҳрвандӣ дар вуҷуди ҷавонон шулла мезанад ва онҳоро эҳсоси нангини ҷавонмардӣ фаро мегирад. Мисоли дигар, чунин ҳиссиёт ҳангоми иштироки ҷавонон дар чорабиниҳои варзишии байналмилалӣ ҷойи намоёнро ишғол менамоянд, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бардошта мешавад ва Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад ба миён меояд. Аз ин рӯ, ватандорӣ ин ифтихори ҳар як тоҷикзабон ба миллати тоҷик буда, сарвати бебаҳо мебошад, моро зарур аст, ки ба кадри тинҷиву оромӣ, амнияти миллӣ ва муқаддасоти олӣ бирасем.

Дар холе мо калимаи Ватанро ба забон меорем, модари азизамон пеши назар меояд, чунки Модар моро ба дунёи ҳастӣ оварда, забони модарӣ, худшиносию худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ, зиракию сиёсӣ ва ҳифзи сохти маъмурию ҳудудии Ватанро ба мо омӯзонда, тарбия менамояд.

Вақте, ки мо дар бораи худшиносӣ, худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ, зиракию сиёсӣ ва сохти маъмурию ҳудудии Ватан сухан мегӯем, пеш аз ҳама ҳифзи Ватан пеши назар меояд, ки Пешвои миллат ба маврид қайд намудаанд: «Барои насли наврас яке аз муҳимтарин мактаби обутоби



Абдулазизи Асадулло
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ

ҳаёт хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи мамлакат аст. Маҳз дар ҳаминҷо ҷавонписарон шуҷоату мардонагӣ омухта, муқадастарин арзиши ҳаёт - дӯст доштан ва содиқона муҳофизат кардани хоки поки Ватани азизро ёд мегиранд!».

Хизмат ба халқу миллат вазифаи ҳар яки мо мебошад. Ҳар як ҷавоне, ки дар чунин сарзамини биҳиштосои Тоҷикистон зиндагӣ менамояд, хизмати Модар ва Ватанро ба сари баланд адо менамояд. Хизмат ба Ватан, шараф аст, ҷавононро қавӣ ва марди комил менамояд, аз шомилшавӣ ба харгуна гурӯҳҳои экстремистию террористӣ пешгирӣ менамояд ва баъди хизмат соҳиби касбу кор мешаванд.

Мардонагӣ ва шуҷоатмандӣ ин нишони ҷавонмардӣ буда, эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти олӣ мебошад. Ҷавоне, ки Ватани худро, Забони давлатии худро ва Модари худоро дӯст медорад, эҳтиром менамояд, уҳдадор ва вазифадоранд, ки бо масъулияти баланди ватандӯстӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ хизмат намоянд ва қарзи фарзандии худро анҷом диҳанд.

Қобили зикр аст, ки ҳамасола факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати ҳарбӣ саҳми арзандаи худро мегузорад. Дар соли равон зиёда аз 300 нафар донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ба хизмати ҳарбӣ сафарбар шудаанд, ки шоёни аҳсан буда, сулҳу субот, амнияти миллӣ ва ҳифзи марзу бум таъмин карда мешавад.

# НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР НИГОҲДОШТИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Имрӯз ваҳдати миллӣ ҳамчун унсури асосии давлатдории мо пазируфта шуда, дар таъмини сулҳу оромӣ нақши асосиро иҷро намуда истодааст. Вале, дар раванди ҷаҳонишавӣ нигоҳ доштани Ваҳдати миллӣ бештар мубрам гардида, мо ҷавононро водор менамояд, ки ба қадри ин неъмат бирасем. Ҳарчанд мо фарзандони даврони истиқлоли кишвар ҳастем ва дар фазои орому осуда ба воя расидаем, шукргузорӣ аз осудагии кишварамон намуда, ҳатто тасаввур карда наметавонем, ки кишвари азизи мо ва мардуми шарафманди он кадом воқеаҳо ва ҳодисаҳоро аз сар гузаронидааст. Он воқеаҳои фоҷиавӣ дар ҷумҳуриамон ҳамчун саҳифаи сиёҳ ба таърихи халқи тоҷик дохил гардиданд ва кишрҳои калонсоли ҷомеа он рӯзҳоро ҳанӯз ҳам дар хотир доранд.

Нақши сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба Ваҳдати миллӣ бениҳоят зиёд буда, барои ноил шудан ба сулҳ ва амнияти кишвар ин абармарди миллат ҷонбозиҳо намудааст ва мардонавор роҳи амниятсозию сулҳофариро пеша наму-



Манижа УСМОНЗОДА
корманди Суди конститутсионӣ

Мокав 7-11 июл ва сипас аз 15 сентябри соли 1997 то 1 апрели соли 2000 дар шаҳри Душанбе пеш бурда, вазифаҳои дар наздаш гузоштаашударо бомуваффақият иҷро намуд.

Ниҳоят санаи 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия созишномаи истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ баста шуд, ки ин созишнома оғози осудагию бардавомии кишвар ва истиқлолияти комили шикастнопазир гардид.

Дар шароити имрӯза, ки Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо дар марҳилаи рушд қарор дорад ва мардуми шарифи



да, то ба охири роҳ ҷасурона ва шарафмандона қадам ниҳодааст. Аз ин рӯ, ӯ имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун як идеал ва шахсияти сулҳпарвар шинохта мешавад.

Ташаббусҳои Президенти кишварамон буд, ки Комиссияи оштии миллӣ ташкил карда, барои бунёди воқеан давлати демократию ҳуқуқбунёд сарчашма гузорад. Албатта, нақши Комиссияи оштии миллӣ ҳамчун мақомоти асосии амалӣ сохтани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ» заминаи амалисозии оштии миллӣ дар мамлакатамон гардид. Механизми татбиқи «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» аз 27 июни соли 1997, ки аз 9 санади муҳим иборат буд, ба воситаи Комиссияи оштии миллӣ бояд ҳалли хешро меёфт.

Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро аввал дар

он дар фазои орому осуда зиндагонӣ доранд, таърихи 27 июн барои насли имрӯза ҳамчун як санаи сарнавиштсоз ва сарчашмаи ояндаи нақӯи наслҳои минбаъдаи кишварамон, махсусан фарзандони зодаи истиқлол нақши муҳим дорад.

Мо ҷавонони кишвар бо ёдоварӣ аз чунин рӯзҳои барои халқу ватанамон душвору ҳассос, ки дар ниҳоят тавонистем дар якҷоягӣ ва сарчамъӣ аз чунин ҳодисаи фоҷиабор раҳоӣ ёбем, кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки сарбаландона, бошарафона ва бо қудрату неруи созандаи хеш оромии кишварамонро ҳифз намоем ва бахри боз ҳам гулгуншукуфоии он дар талош бошем.

Дар ин замина тамоми мардуми шарафманди кишварамонро бо ин ҷашни фархунда таҳният гуфта, ба халқу диёри азизамон осмони софу беғубор ва осудагию саодатмандиро таманно дорам.

## СӮГВОРӢ

Садорат, ҳайати омӯзгорону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ба дотсенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ Ҳиматов Ҳабибулло Неъматович бинобар даргузашти

**МОДАРАШ**

ва ба мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносӣ Раҳмонзода Нуроншоҳ бинобар даргузашти

**БАРОДАРАШ**

ҳамдардӣ баён намуда, ба аъзои оила, хешу ақрабои марҳум аз даргоҳи Яздони пок сабри ҷамил хоҳонанд.

# ВАҲДАТ ВА ҲАМГИРОИИ МИЛЛӢ



*Мусаллам, ки аҳамияти Истиқлолу озодӣ дар ташаккул ва шинохти ҳар халқу миллат дар арсаи байналмилал аз ҷойгоҳи хосе бархурдор аст.*
*Пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ мабнӣ бар он шуд, ки давлатҳои ҳайати он худро соҳибистиқлол эълон намоянд. Ҷараёни нодири ташкили давлати миллӣ, шуълаи умед баояндаи нек ва ҳавои истиқлолу озодӣ қалбу вуҷуди мардуми Тоҷикистонро фаро гирифта буд ва саранҷом Ватани маҳбуби мо – Тоҷикистон ба Истиқлоли давлатӣ мушарраф гардид, ки ин бузургутарин таҷаллии муваффақияту музаффарияти миллӣ дар таърихи навини тоҷикон маҳсуб мегардад. Мутаассифона ин шодкомӣ ва ворастагии миллӣ барои халқи тоҷик гарон афтод, чунки кишвари ҷавони Тоҷикистон дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ бар асари таъсири қувваҳои берунӣ ва хориҷӣ ба гирдоби мухолифатҳои шадиди дохилӣ гирифтор шуда, ин раванд ба ҷанги шаҳрвандӣ ва фоҷиаи бародаркушӣ оварда расонид, ки дар натиҷа миллати тоҷик муталошиву пароканда гардида, ҳатто хатари несшавии давлат ба вуҷуд омада буд.*

Дар он айёми яъсу ноумедӣ Иҷлосияи XVI-и Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуд, ки масириояндаи миллату давлати моро комилан дигар намуд. Дар ин иҷлосия фарзанди фарзона ва шуҷоу кордони миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон масъулияти имрӯзу фардои давлату миллати тоҷикро бар дӯш гирифта, бо нидои сулҳоварии хеш ба дилу дидаи мардум ҷо гирифт. Аз ҷониби роҳбари ҷавону умедбахши кишвар санаи 26-уми ноябри соли 1992 "Рӯзи сулҳ ва ризоъияти миллии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон" эълон гардид. Аммо таърих собит сохт, ки ҳарчанд, ки халқи шарифи Тоҷикистон дар ҳамон солҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ ҷонибдори сулҳу ваҳдати миллӣ буданд, вале тарроҳони ин ҷанг дар пайи ҳарчи бештар аланга намудани оташи низоъ байни тоҷикон буданд.



**Азимҷон ҶУРАЕВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ**

Барномарезӣ ва иродаи қавии роҳбари ҷавони кишвар буд, ки дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ масъалаҳое, ки дар Иҷлосияи таърихӣ вобаста ба мутаҳҳид намудани миллат, таъмини сулҳу ваҳдат, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, қабули Конститутсия ва инкишофу пешрафти Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона пешбинӣ шуда буданд, амалӣ гардиданд.

Ҳамин тавр, аз соли 1994 сар карда, ислоҳоти ҳамаҷонибаи сиёсию иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ шуруъ гардид. Маҳз бо сарпарастии СММ аз 5-уми апрели соли зикргардида, гуфтушуниди тоҷикон барои расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ оғоз ёфт, ки то ба расидан ба сулҳи комил 8 давраи музокиротро дарбар гирифт. Пас аз баргузории музокирот ва гуфтушуниди сулҳи тоҷикон дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад, Москва, Теҳрон ва Ҳусдеҳи Афғонистон миёни намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик таҳти сарпарастии нозирони байналмилалӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расонида шуд.

Дар натиҷаи заҳмату талошҳои бузурги миллат хушбахтона санаи 27-уми июни соли 1997 сулҳи деринтизори тоҷикон омад ва Ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ, ягонагӣ ва амнияти Ватани маҳбубамон таъмин гашт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба сулҳи тоҷикон чунин мегӯяд: "Ҳарчанд ки ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ раванди бисёр вазнину сангин ва тӯлониву пурмашаққат буд, вале хушбахтона ҷаҳду талоши фарзандони содиқи халқи тоҷик бо сулҳу оштӣ ва ваҳдату ягонагӣ анҷом пазируфт, ки он имрӯз ҳамчун таҷрибаи нодири ҷаҳонӣ эътироф шудааст".

Дар вокеъ қаҳрамониву аз худгузаштаниҳои роҳбари маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иродаи пӯлодини миллат буд, ки миллати тоҷик аз парокандагӣ ва давлатдории миллӣ аз садади нобудӣ наҷот ёфта, ваҳдати миллӣ миёни тоҷикон танинандоз гардид.

Таҷрибаи сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон дорои аҳамияти бузурги миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошад, чунки аз як тараф он миллати тоҷикро муттаҳиду сарҷамъ намуда, ба рӯшди давлатдории миллӣ мусоидат намуд ва аз тарафи дигар ҳамчун мактаби нодири сулҳофарӣ барои ҳалли низоъҳову ихтилофҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ба ин минвол, аҳамияти ваҳдати миллӣ ва муттаҳидии ҷомеа барои мардуми ҳар кишваре аз мақоми махсусе бархурдор аст, зеро бидуни Ваҳдати миллӣ бақои давлату миллат имконнопазир аст. Бе тардид рушду тараққии Ватани азизамон танҳо дар партави ҳамбастагии иҷтимоӣ ва иштироки умумии шаҳрвандони кишвар муяссар мегардад. Бе иштироки умумии мардум имкони тавсеа, рушд ва таолӣ ғайриимкон аст.

Пас хурду бузурги миллат мувazzафанд, ки ваҳдати миллӣ, амнияту суботи кишвар ва тамоми дастовардҳои замони Истиқлоли давлатиро чун гавҳараки чашм ҳимоя намуда, баҳри гулгуншукӯфии Тоҷикистони азиз талошҳои пайваста намоянд. Мо танҳо дар заминаи Ваҳдати миллӣ метавонем Ватанамонро обод ва рисолати таърихии миллатро анҷом диҳем.

**ЗИНДА БОД ВАТАН!**
**ПОЯНДА БОД СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ!!!**

## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – КАФИЛИ СУЛҲУ СУБОТ



**Саидмуҳаммад ҚОСИМЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

27 июни соли 1997 пас аз ҳашт давраи гуфтушунид миёни Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мухолифин дар шаҳри Маскав, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари мухолифини тоҷик "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон"-ро имзо карданд.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне аз 5-уми майи соли 1992 то 27-уми июни соли 1997 зиёда аз 100 ҳазор нафар кушта ва тақрибан 1 миллион нафар гуреза шуд. Имзои "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон" давлатро аз нобудӣ ва мардумро аз парокандашавӣ нигоҳ дошт.

Таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ хизмати бузургу таърихии халқи тоҷик аст ва қаҳрамони сулҳу ваҳдати миллӣ низ танҳо халқи Тоҷикистон мебошад. Пас аз имзои созишномаи сулҳ, Сарвари давлат рӯзи ҷашни Ваҳдати миллиро муқаррар намуданд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид", ҳамасола 27-уми июн ҳамчун "Рӯзи Ваҳдати миллӣ" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад.

Иди Ваҳдати миллӣ барои мо наслҳои ҷавон нишон медиҳад, ки дар кишвари азизамон бар ивази чи қадар азобу машақат, сулҳу субот барқарор гардид ва минбаъд барои устувор нигоҳ доштани он мо ҷавонон пайваста бояд талош намоем.

Имрӯз Тоҷикистони азизамон дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба сӯи фардои боз ҳам ободу осуда қадамҳои устувор мегузорад. Қобили зикр аст, ки мо ҷавонон қадру манзалати ваҳдати миллиро бояд дарк намуда, баҳри пойдории он ҳама рӯза кӯшиш намоем ва баҳри гулгул шукуфоии Тоҷикистони ҳамешабаҳор саҳми худро гузорем.

Маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи Сарвари давлат миллати парешон сарҷаъм омад, мамлакат обод шуд, пеш рафт, гул-гул шукуфт ва имрӯз дар чеҳраи ҳар фарзанди тоҷик нишоту хурсандист, ваҳдату сулҳ падидор аст. Маҳз бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар ва сулҳу субот дар мамлакат, ҳамасола рӯзи Ваҳдати миллӣ дар тамоми қаламрави Тоҷикистони биҳиштосо ҷашн гирифта мешавад.

Имсол бошад дар кишвари азизамон 26 солагии Ваҳдати миллиро ҷашн хоҳанд гирифт. Ба ифтихори Ваҳдати миллӣ кишвари азизамонро созмонҳои бонуфузи ҷаҳон эътироф намудаанд. Тоҷикистон яке аз узви фаъоли СММ буда, саҳми худро барои таъмини сулҳ дар ҷаҳон гузошта истодааст. Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ба мардуми Тоҷикистон дар натиҷаи саъю талоши шабонарӯзии Сарвари давлат ба даст омадааст. Мо ҷавонон шукронаи чунин давлати тинҷу ором ва шукронаи чунин Сарвари давлат намоем, ва дар рӯшди минбаъдаи Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми худро гузорем.

**Ҳар касе бар қадри Ваҳдат мерасад,**
**Ӯ ба иқболу саодат мерасад.**